**Қарори №16**

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:

Аз 27 нафар аъзои Шӯрои

диссертатсионӣ 23 нафар,

аз рӯйи ихтисос 6 нафар

аз 24 январи соли 2019

**Рӯзнома:**

1. Дар бораи иҷозат додани диссертатсияи Ҷобиров Абдуқодир дар мавзӯи «Вижагиҳои забонии китоби «Бахше аз тафсири куҳан»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африко, сокинони бумӣ (аборигенҳо)-и Америко ва Австралия (забони тоҷикӣ) (роҳбари илмӣ д. и. ф. профессор Ф. Шарифова) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба ҳимоя.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Саъдуллоев Ҷ.М. дар бораи мавҷуд будани коркард ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иҷозат додани диссертатсия ба ҳимоя.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Ж.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Ҷобиров Абдуқодир автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст. Хулосаи комиссияи ташхис бо имзои аъзоёни комиссияи ташхис пешниҳод шудааст.

Барои иҷозат додани диссертатсияи мазкур ба ҳимоя монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҷобиров Абдуқодир дар мавзӯи «Вижагиҳои забонии китоби «Бахше аз тафсири куҳан»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумӣ (аборигенҳо)-и Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) (роҳбари илмӣ д.и.ф., профессор Ф. Шарифова) ба ҳимоя иҷозат дода шавад;

2. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда пешниҳод шавад;

3.Ба ҳайси муқарризони расмӣ доктори илмҳои филология, узви вобастаи АИ ҶТ, сарходими илмии шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АИ ҶТ Мирзо Ҳасани Султон ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон А. И. Юсупов таъйин карда шаванд;

4. Таърихи рӯзи ҳимоя 2-юми майи 2019 муайян карда шавад;

5. Барои гузоштани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва сомонаи КОА назди Президенти ҶТ иҷозат дода шавад;

6. Барои чопи автореферат ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор 23 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, профессор Саъдуллоев Ҷ.М.

Котиби илмии Шӯро,
номзади илмҳои филология, дотсент Гулназарова Ж.Б.